# НУСХА

**аз суратмаҷлиси № 7 кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

24 феврали соли 2024 шаҳри Душанбе

Иштирок доштанд: мудири кафедра, проф. Ғаюрзода Ш. К., профессорон: Тағойназаров Ш. Т., Қурбонов Қ. Ш (иҷрокунандаи вазифаи раисикунанда)., Ғаффорзода И. Ғ., дотсентон: Ҳиматов Ҳ. Н., Қосимов Ф. А., Қурбонов Қ. Б., Саидов Ҳ. М., Соҳибзода М. М., муаллими калон: Хоҷамуродов Д. Г (котиби ҷаласа)., Султонова Д. Ш., ассистентон: Ҷураев А. Ш., Шерзода Б. С., Нарзуллоев Ф. Ҷ., Қодирзода С. С., Ҳакимов Я. Б., лаборанти кафедра - Саидов Ш. У.

Рӯзномаи маҷлис:

4. Муҳокимаи диссертатсияи Султонова Д. Ш – унвонҷӯйи кафедра дар мавзӯи "Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Роҳбари илмӣ: Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Раиси ҷаласа.** Диссертатсияи Д. Ш. Султонова соли 2021 дар кафедра муҳокима шуда буд. Дар он ҷаласа роҳбари илмӣ, ду муқарриз: дотсентон Бобохонов Ҳ. З. ва Саидов Ҳ. М., бо назари танқидӣ баромад намуда, пешниҳод доштанд, ки ин асар ба коркарди иловагӣ баргардонида шавад.

Дар ин муддат Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1. 07 соли 2023 мавриди амал гардид. Номи диссертатсия тағйир додашуд. Бинобар ин, оид ба корҳои анҷомдода, баёни мубрамият, нуқтаҳои асосӣ ва мазмуни диссертатсия сухан ба унвонҷуй дода мешавад (баромад замима мегардад).

Баъди баромади Султонова Д. Ш аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш дода шуд.

Роҳбари илмӣ низ баромад намуда, гуфт, ки андешаҳои ӯ оид ба ин асар дар тақризи ӯ расман инъикос ёфтааст. Ин тақриз мусбӣ мебошад. Ба андешаи ӯ бо қабулшудани Кодекси мадании Ҷумхурии Тоҷикистон, таҳқиқоти мазкур бештар муҳим гардид, чунки аввалин маротиба дар боби 60 ин қонун сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ҳамчун мавзӯи алоҳидаи танзими ҳуқуқи маданӣ эътироф гардид. Ин мавзуъ дар илми муосири ҳуқуқи маданӣ масъалаҳои нав

мегузорад, ки онҳо ҳалли худро дар диссертатсияи Султонова Д. Ш. пайдо кардаанд. Бинобар ин, диссертатсияи Султонова Д. Ш – унвонҷӯйи кафедра дар мавзӯи "Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пурра ба талаботҳои ҷойдошта ҷавобгӯй мебошад, пешниҳод менамоям, ки он ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

**Раиси ҷаласа.** Ин пешниҳодро ба овоздиҳии кушода аъзоёни кафедра мегузорам.

Дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок доштанд 17 нафар. Тарафдор – 17 нафар, зид ва бетараф нест.

Ҳамин тавр, кафедра чунин **Қарор** қабул намуд:

1. Диссертатсияи Султонова Д. Ш – унвонҷӯйи кафедра дар мавзӯи "Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.
2. Хулосаи мусбии кафедра оид ба диссертатсияи мазкур қабул гардида ва барои тасдиқ ба Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад (хулосаи кафедра замима мегардад).

Иҷрокунандаи вазифаи раиси ҷаласа,
профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Қурбонов Қ. Ш.

Котиби ҷаласа, муаллими калони
кафедра: Хоҷамуродов Д. Г.

Имзоҳои Қурбонов Қ. Ш. ва Хоҷамуродов Д. Г. – ро тасдиқ мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.

04.03.2024